
Бисмиллохи-р-рахмони-р-рахим

Алхамду ли-л-лох ва-с-салоту ва-с-салому ъало расули-л-лох ва ъало олихи ва сахбихи ачмаъин:



Оби Замзам бехтарин оби рӯи замин аст ва акнун беш аз панч хазор сол аз зухури ин оби гуворо ва шифобахш аз замони хазрати Исмоъил ъалайхи-с-салом то кунун мегузарад. Замзам обе аст, ки Худованд онро ба унвони хадия ба муъминоне, ки аз маконхои дурдаст барои зиёрати хонааш мушарраф мешаванд, арзонӣ доштааст. Он дорои фоидахои бисёре аст. Баъзе аз фоидахои оби Замзам ин аст, ки хастагиро азбайн мебарад ва баданро таквият мекунад. Мушохида мекунем, ки зоирини хонаи Худо баъд аз тавоф ва хастагӣ, хангоме, ки оби Замзамро менӯшанд, эхсоси хастагӣ аз онон дур мешавад ва фаъолтар мешаванд. дар ин китоби мухтасар саъй намудаем, ки чанде аз фазилатхо, одоб, хосият ва хусусиятхои оби Замзамро зикр намоем. Умед аст, ки мавриди истифодаи азизон карор бигирад. Ва аз Худованди субхон масъалат дорам, ки ин амалро аз банда бипазирад.

Алхамду ли-л-лохи ра-б-бил ъоламин

Таърихчаи оби Замзам



Достони зохир шудани оби Замзам бо достон ва саргузашти хазрати Иброхим ва

хамсараш Хочар ва фарзандашон хазрати Исмоъил иртибот дорад. Хазрати Иброхим (а) ба дастури Худованд, хамсараш Хочар ва фарзандаш Исмоъилро, ки тоза (нав) таваллуд шуда буд, аз сарзамини Канъон (Фаластин) ба сарзамини хушк ва сӯзони Форон (Макка), ки на чондоре, на об ва алафе дошт, дар миёни даррахои кӯхистонӣ, мутакил кард (кӯчонид), онхо хеч зод ва тушае бачуз як машки об ва кисае (халтае) хурмо чизе надоштанд. Хазрати Иброхим (а) он дуро канори дарахти бузурге дар наздикии макони Каъба гузошт. Сипас аз Макка хорич шуд. Чун касди баргаштан намуд, хамсараш ба дунболи ӯ ба рох афтод ва гуфт: Эй Иброхим моро дар ин биёбоне, ки хеч кас ва хеч чизе вучуд надорад, рахо мекуни ва кучо меравӣ? Хочар чандин бор сухани хешро такрор кард. Аммо аз Иброхим (а) чавобе нашунид. Онгох Хочар гуфт: Оё Худованд ба ту чунин дастур додааст? Хазрати Иброхим (а) фармуд: Бале. Хочар гуфт: Дар ин сурат, Худованд моро зоеъ намекунад.

Онгох хазрати Иброхим (а) ба рохаш идома дод, то ин ки аз дидаи онон нопадид гардид. Пас дасти дуо ва тазарруъ ба даргохи Худои бениёз баланд кард ва арза дошт: "**Парвар дигоро! Ман бархе, (баъзе) аз фарзандонамро дар водии (хушк), беоб ва бегиёх, назди хонаи гиромии ту сокин сохтам. Парвардигоро! То намозро барпо доранд, пас ту дилхои (гур**
ӯ
хе) аз мардумро ба онхо моил бигардон ва аз мевахо ба онхо р
ӯ
з
й
дех, бошад ки онон сипосгузор гарданд
". Сураи Иброхим:37.

Хочар ва Исмоъил (а) танхо монданд. Хочар аз он обе, ки хамрох дошт менӯшид, аз он хурмо мехӯрд ва кӯдакашро шир медод. То ин ки пас аз андак замоне оби хамрохи Хочар тамом шуд ва ташнагӣ бар онхо голиб шуд. Ташнагии фарзанд модарро ба талош барои ёфтани об водошт. Пас барои чустучӯи об ба хар сӯй медавид, шояд ки касеро биёбад ё ин ки чуръаи обе пайдо кунад. Паси кӯхи Сафо аз хама наздиктар буд, бинобар ин Хочар дар паи об ба фарози кӯхи Сафо рафт, вале чизе наёфт. Сипас аз Сафо поин омад ва давон-давон ба фарози кӯхи Марва рафт. Ончо низ чизе наёфт ва касеро надид. Ва ин фосилае миёни ду кӯхи Сафо ва Марваро хафт бор паймуд ва то ончо, ки тавонист саъй кард. Аммо талош ва саъйяш бенатича буд. То ин ки ба муъчизаи илохӣ баногох дар канори хазрати Исмоъил чашмаи обе зохир шуд ва фаввора зад. Хочар аз тарси инки он об ба даруни замин фурӯ равад, микдори хок ва шинро (кумро) атрофи он рехт ва обро дар ончо нигох дошт. Сипас машки худро пур кард ва ба фарзандаш дод ва худ нӯшид. Ин чашмаи муборак Замзам ном гирифт. Ва ба Хочар ва фарзандаш хаёти дубора бахшид.

Пас аз муддате кабоили Чурм, ки аз ончо мегузаштанд, мутаваччех шуданд, ки дар ин минтака обе вучуд дорад. Аз ин чихат онон бо касби ичоза аз модари Исмоъил дар канори ин чашма, ки ба чохе табдил шуда буд ва оби фаровон дошт, сукунат гузиданд.

Хазрати Исмоъил (а) бузург шуд ва бо яке аз духтарони Чурхумӣ издивоч кард ва сипас бо падараш хазрати Иброхим (а) хонаи Каъбаро бино карданд. Пас аз чанде кабоили Кинона ва Хузоъа низ дар чивори (хамсоягии) Каъба сокин шуданд. Чурхумиён хурмати Каъба ва харамро поймол карданд. Онгох Худованд оби Замзамро аз чӯшиш андохт ва хушк кард. Сипас Кинона ва Хузоъа Чурхумиёнро берун ронданд ва худ бар сарзамини Макка мусаллат (хоким) гардиданд. [1]

Имом Бухорӣ (рах) достони хазрати Иброхим ва хамсараш Хочар ва фарзандашон Исмоъил (а)-ро дар китоби Сахех аз забони Абдуллох ибни Аббос (р) чунин накл мекунад:

Ибни Аббос (р) мегуяд: Аввалин бор, ки занон аз шолкамар истифода карданд ба таклид аз модари Исмоъил, Хочар буд. Вай шолкамар истифода кард, то радди пояшро аз байн бибарад ва Сора онро набинад. Сипас, Иброхим (а) Хочар ва фарзандаш, Исмоъилро, ки ширхора буд, бурд ва дар наздикии Байтуллох (Хонаи Худо) зери дарахти бузурге, ки болотар аз Замзам дар кисмати болоии масчид карор дошт, гузошт. Дар он замон дар Макка ягон касе вучуд надошт ва об набуд. Иброхим (а) онхоро бо як кисаи (халтаи) хурмо ва як машки об, хамончо рахо кард. Сипас, ба онхо пушт кард ва ба рох афтод. Модари Исмоъил, ба дунболи ӯ ба рох афтод ва гуфт: Эй Иброхим! Моро дар ин биёбоне, ки хеч кас ва хеч чизе вучуд надорад, рахо мекунӣ ва кучо меравӣ? Ва чандин бор ин чумларо такрор кард. Аммо Иброхим (а) ба ӯ таваччӯх намекард. Онгох Хочар гуфт: Оё Худованд ба ту чунин дастур додааст? Иброхим (а) гуфт: Бале. Хочар гуфт: Дар ин сурат Худованд моро зоеъ нахохад кард, сипас баргашт. Иброхим (а) ба рохаш идома дод, то инки ба гарданаи кӯх, чое ки дигар онхо ӯро намедиданд, расид. Ончо рӯй ба сӯи Каъба кард ва дастхояшро баланд намуд ва чунин дуо кард: Парвардигоро! Ман зан ва фарзандамро дар сарзамини бидуни кишт ва заръе (зироате) дар канори хонаи ту ки (тачовуз ба) онро харом сохтаи, сокин кардаам, то намозро барпо доранд. Сипас ту дилхои гурӯхе аз мардумро ба сӯи онон мутамоил кун ва онхоро аз мевахо рӯзӣ ва ато фармо, бошад ки сипосгузорӣ кунанд.

Ва Хочар низ Исмоъилро шир медод ва аз он об, менӯшид, то ин ки оби машкаш тамом шуд. Онгох ӯ ва фарзандаш ташна шуданд. Ӯ фарзандашро медид, ки аз шиддати ташнагӣ ба худ мепечид ва ё похояшро ба замин мезанад.

Хочар, ки наметавонист шохиди ин сахна бошад, ба рох афтод ва болои кӯхи Сафо, ки онро наздиктар ёфт, рафт ва дар ончо истод ва ба сӯи рудхона нигох кард, ки оё касеро мебинад? Вале касеро надид. Сипас, аз кӯхи Сафо поин омад, то ба рудхона расид. Онгох гушаи пироханашро боло кашид ва монанди касе, ки дучори мушкил шуда бошад, давид, то ин ки аз рудхона гузашт. Сипас, болои кӯхи Марва рафт ва ончо истод ва нигох кард, ки оё касеро мебинад? Вале касеро надид. Ва хафт бор ин амалро такрор намуд.

Ибни Аббос (р) мегуяд: Набийи Акрам (с) фармуд: "***Пас ба хамин хотир аст, ки мардум байни Сафо ва Марва саъй мекунанд***
".

Саранчом хангоме, ки мушарраф ба кӯхи Марва шуд, садое шунид. Ба худ гуфт: Сокит бош. Онгох хуб гуш фаро дод. Дубора хамон садоро шунид. Сипас гуфт: Садоятро ба гушам расониди, агар метавонӣ ба ман кумак кун. Ногахон, фариштаеро канори чойгохи Замзам дид, ки бо пояш ва бо болаш ба замин мезанад, то ин ки об берун омад. Сипас Хочар, обро чамъ кард ва бо дасташ чилави (пеши) онро гирифт. Ва аз он об бар медошт ва дар машк мерехт. Ва пас аз хар бор бардоштан, об хамчунон фаварон мекард (чӯш мезад).

Ибни Аббос (р) мегуяд: Набийи Акрам (с) фармуд: "***Худованд Модари Исмоъилро рахмат кунад, агар ӯ Замзамро рахо мекард*** " ё ин ки фармуд: "
Агар ӯ аз он об барнамедошт, Замзам чашмаи ч ор ӣ ва равон мешуд
".

Ровӣ (ривояткунанда) мегуяд: Ӯ об нӯшид ва фарзандашро шир дод. Фаришта ба ӯ гуфт: Аз халок шудан натарс. Зеро инчо хонаи Худост, ки ин писар ва падар онро хоханд сохт. Ва Худованд дӯстонашро зоеъ намегардонад. Гуфтанӣ аст, ки чои хонаи Каъба, замине

муртафеъ (баланд) ва теппамонанде буд, ки сел аз чап ва рости он мегузашт.

Хочар ин гуна зиндагӣ мекард, то инки иддае (чанде) аз кабилаи Чурхум аз рохи Кадоъ меомаданд. Дар кисмати поини Макка таваккуф карданд ва паррандаеро, ки голибан даври об мегардад дар ончо диданд. Гуфтанд: Ин парранда атрофи об давр мезанад ва аз замоне, ки мо ин рудхонаро мешиносем обе дар он вучуд надоштааст. Сипас, як ё ду нафарро фиристоданд. Ногахон, онон об диданд ва баргаштанд ва хабари обро бар эшон оварданд. Онон ба сӯи об рафтанд ва дар канори об модари Исмоъилро диданд. Ба ӯ гуфтанд: Оё ба мо ичоза медихӣ, ки назди ту бимонем? Гуфт: Бале. Вале шумо хечгуна хаке аз об надоред. Гуфтанд: Бошад.

Ибни Аббос (р) мегуяд: Набийи Акрам (с) фармуд: "Модари Исмоъил, ки унс гирифтан бо мардумро дӯст дошт, пешниходи ононро пазируфт. Онхо хам дар ончо таваккуф карданд ва касонеро барои овардани хонаводахояшон фиристоданд. Онон низ омаданд ва дар ончо сукунат гузиданд, тавре ки чанд хонавода аз кабилаи Чурхум дар ончо чамъ шуданд.

Исмоъил (а) рушд карду навчавон гардид ва араберо аз онон фаро гирифт. Дар ин хангом, мавриди писанди онон вокеъ шуд ва онхо ӯро инсоне бо арзиш медонистанд. Аз ин чихат хангоме, ки ба синни булуг расид, яке аз духтаронашонро ба никохи ӯ даровардаанд. Ва пас аз муддате, модари Исмоъил фавт кард. Саранчом, баъд аз издивочи Исмоъил, Иброхим (а) омад, то хонаводаашро, ки ба хотири Худо рахо карда буд, сар бизанад (хабар бигирад). Пас ба хонаи Исмоъил омад, вале ӯ ончо набуд. Аз хамсараш дар бораи ӯ пурсид. Хамсараш гуфт: Барои касби ризки мо берун рафтааст. Сипас, Иброхим (а) чӯёи вазъи маъишатӣ ва зиндагии онон шуд. Гуфт: Вазъи мо хеле бад аст. Дар тангно ва сахтӣ басар мебарем. Ва хулоса ин ки забони шиква (шикоят кардан) кушод. Иброхим (а) гуфт: Хангоме, ки хамсарат омад, ба ӯ салом бирасон ва бигӯ, то остонаи дарвозаи хонаашро тагйир дихад. Хангоме, ки Исмоъил омад, бӯи ошное эхсос кард. Аз ин чихат пурсид: Оё касе назди шумо омадааст? Гуфт: Бале пирамарде чунин ва чунон, назди мо омад ва суроги туро гирифт. Ба ӯ гуфтам, ки ту кучо рафтаи. Ва хамчунин аз вазъи зиндагии мо пурсид. Ба ӯ гуфтам, ки дар сахтӣ ва машаккат басар мебарем. Исмоъил гуфт: Оё ба ту супорише кард? Гуфт: Бале, ба ман дастур дод, ки ба ту салом бирасонам ва гуфт: Остонаи дари хонаатро иваз кун. Исмоъил гуфт: Ӯ падари ман аст ва дастур додааст, то аз ту чудо шавам. Пас назди хонаводаат бирав. Ингуна ӯро талок дод ва бо зани дигаре аз ин кабила издивоч кард. Иброхим (а) барои муддате, ки Худо мехост, назди онон наёмад. Сипас омад ва бори дигар Исмоъилро наёфт. Назди хамсараш рафт ва суроги Исмоъилро гирифт. Гуфт: Ба талаби рӯзӣ берун рафтааст. Пурсид: Холи шумо читавр аст? Ва чӯёи вазъи маишатӣ ва зиндагии онон шуд. Гуфт: Мо дар осӯдагӣ ва осоиш басар мебарем ва Худоро ситоиш намуд. Иброхим (а) пурсид: Газои (хӯроки) шумо чист? Гуфт: Гушт. Пурсид: Ошомидании

шумо чист? Гуфт: Об. Иброхим (а) дуо кард ва гуфт: Худоё! Дар гушт ва оби онон баракат иноят фармо".

Расули Худо (с) фармуд: "Он замон, дар Макка хубуботе вучуд надошт, вагарна барои онхо низ дуои баракат менамуд. Ба ин чихат харкас берун аз Макка танхо ба хурдани гушт ва об иктифо кунад, барояш носозгор хохад шуд".

Иброхим (а) гуфт: Хангоме, ки хамсарат омад, ба ӯ салом бирасон ва бигӯ: Остонаи дари хонаатро мухкам нигах дор. Вакте ки Исмоъил омад, пурсид: Оё касе назди шумо омадааст? Гуфт: Бале, пирамарди хушкиёфа назди мо омад, ки дорои чунин сифатхои хубе буд. Онгох, суроги туро гирифт. Ба ӯ гуфтам, ки ту кучо рафтаи. Сипас аз вазъи зиндагии мо пурсид. Ба ӯ гуфтам, ки мо дар осоиш басар мебарем. Исмоъил пурсид: Оё ба ту васияте кард? Гуфт: Бале, ба ту салом расонад ва дастур дод, то остонаи дари хоаантро мухкам нигах дори. Гуфт: Ӯ падари ман будааст ва манзур аз остонаи дар, туи. Ба ман дастур додааст, то бо ту зиндагӣ кунам. Сипас, Иброхим (а) барои муддате, ки Худо мехост назди онон наёмад. Баъд аз он, замоне омад, ки Исмоъил, наздики Замзам ва зери дарахти бузург машгули тарошидан ва сохтани тире буд. Хангоме, ки падарашро дид, бархост ва ба сӯи ӯ рафт. Ва рафтореро, ки шоистаи падар нисбат ба фарзанд ва фарзанд нисбат ба падар буд, анчом доданд. Сипас, Иброхим (а) гуфт: Исмоъил! Худованд маро ба анчоми коре, амр кардааст. Исмоъил гуфт: Ончиро, ки Парвардигорат ба ту дастур додааст, анчом дех. Гуфт: Оё ту ба кумак мекуни? Гуфт: Кумакат мекунам. Гуфт: Хамоно Худованд ба ман дастур додааст, то инчо хонае бисозам. Ва бо дасташ ба сӯи теппахои муртафеъ (баланд)-и атрофаш ишора кард. Ровӣ (ривояткунанда) мегуяд: Инчо буд, ки пояхои хонаи Худоро бино ниходанд. Исмоъил (а) санг меовард ва Иброхим (а) банноӣ (бинокорӣ) мекард. Хангоме, ки деворхои он боло меравад, Ислоил ин санг (-е ки ба макоми Иброхим (а) маъруф аст)-ро оварда ва Иброхим (а) бар он истод ва банноӣ мекард ва Исмоъил ба ӯ санг медод. Ва харду чунин дуо мекарданд:

"**Раббано такабал минно иннака анта-с-самиъ-у-ъалим**", Сураи Бакара, яъне Парвардигоро! Аз мо бипазир, хамоно ту шунаво ва донои. Сахехи Бухорӣ: 3364.

Абдулмутталиб ва хафри мучаддади (азнав кандани) чохи Замзам

Хамчуноне, ки зикр намудем, Худованд Замзамро аз чӯшиш андохт ва хушк кард, ба тавре, ки макони он низ махв (нобуд) гардид. То даврони Абдулмутталиб чадди (бобои) бузургвори Расули Худо (с) махфӣ буд. Абдулмутталиб шабе дар хоб дид, ки ба ӯ гуфта мешавад: "Барра"-ро (яке аз номхои Замзам аст) хафр кун (бикоб, бикан). Фардо боз дар хоб дид, ки ба ӯ мегуянд: "Мазнуна"-ро (аз номхои Замзам аст) хафр кун. Дар рӯзи саввум низ ба ӯ гуфта шуд: "Тайиба"-ро (номи дигари Замзам) хафр кун. Ва дар рӯзи чорум дар хоб дид, ки ба ӯ гуфта шуд: "Замзам"-ро хафр кун. Онгох дар хоб чойгохи Замзаб ба вай нишод дода шуд.

Пас Абдулмутталиб Курайшро дар чараён гузошт ва онгох худ бо кумаки фарзандаш "Хорис" хамон нуктаи хосро хафр кард. Баъд аз инки микдоре хафр намуданд, ногахон об фаввора зад ва боло омад. Ва чашмаи Замзам бори дигар зохир шуд. Абдулмутталиб дар канори он хавзе сохт ва хочиён ва зоирони хонаи Худо аз оби Замзам нӯшиданд ва сикояти (обдихӣ)-и хочиёнро ба ӯхда гирифт. Дар хангоми зухури Ислом сикояти хуччоч дар дасти Аббос ибни Абдулмутталиб, амаки Паёмбар (с) буд [2] .

Чохи Замзам ва сарчашмахои он.

Беш аз панч хазор сол аз зухури оби гуворо ва шифобахши Замзам, аз замони хазрати Исмоъил (а) то кунун мегузарад. Ва аз замони хафри дубораи дар замони Абдулмутталиб то кунун хочиён аз он бахраманд мешаванд. Чохи Замзам дар курби (наздикии) Каъбаи мушаррафа вокеъ аст. Аммо акнун дар китъаи зери замини матоф (чои тавоф кардан) дар умки (чукурии) 56/1 метрӣ карор дорад. Дар фосилаи наздики Каъба ва макоми Иброхим дар самти чап, санге доираишакл карор дорад, ки бар он навишта шуда: "Биър Замзам" (чохи Замзам). Баъд аз тавсеаи чадиди Харам дар даврони Малик Фахд подшохи Саъудӣ, солунхои чудогонае барои занон ва мардон, дар табакаи зери замини матоф (тавофгох) сохта шуд ва зоирон аз он ширхои об, ки ончо насб шуда истифода мекунанд.

Чашмахое, ки чохи Замзамро тагзия мекунанд, иборат аз се чашма аст:

- чашмае дар мукобили Рукни Асвад (Хачару-л-асвад).

- ва чашаме дар мукобили кӯхи Кубайс ва Сафо.

- ва чашмае дар мукобили Марва карор дорад [3] .

Дар соли 1400 хичрӣ шамсӣ, гурӯхе аз мухандисин (инжинерон) бо сарпарастии мухандис Яхё Кушак, хангоми поксозии чохи Замзам, тавонистанд, ки андозахои дакике аз умки чохи Замзам ва хамчунин сарчашмахои он бадаст ованд.

Мухандис Яхё Кушак мегуяд: Сарчашмаи аслии чохи Замзам аз самти Каъба, аз тарафи Хачару-л-асвад аст, ки тӯли он 45 см. ва иртифоъи (баландии) он 30 см. аст. Бештарини об аз хамин нохия мечӯшад. Сарчашмаи дуввумии оби Замзам, равзанаи бузурге дар чихати Макрубия (ачёд) мебошад, ки тӯли он 70см. аст. Ва хамчунин равзанахо ва сарчашмахои кӯчаке низ дар байни сангхои деворахои чох карор дорад, ки об аз байни онхо низ берун меояд. Панч-то аз инхо дар байни ду сарчашмаи равзанаи асосӣ карор доранд, ки ба андозаи як метр аст. Хамчунин 21 равзанаи дигар вучуд дорад, ки аз канори равзанаи аслӣ огоз мешавад ва дар самти кӯхи Кубайс ва Сафо мебошад [4] .

Номхои Замзам.

Оби Замзам номхои зиёде дорад, ва биёрии ном бар шараф ва бузургии мусаммо (номниходашуда) далолат мекунад. Аз ончое, ки оби Замзам бехтарин об бар рӯи замин аст ва оби шифобахш ва муборак аст, дорои исмхои бисёре мебошад, ки аз номхои он инхоянд:

Барака, Барра, Бушро, Хазмаи Чибриил, Хафираи Абдулмутталиб, Мазнуна, Сукёи Исмоъил, Нофиъа, Маймуна, София, Шаббоъа, Тохира, Забия... мебошад [5] .

Фазилатхои оби Замзам

Дар бораи ахамият ва фазилати оби Замзам ва фазилати нӯшидани он ривоятхои бисёре аз Паёмбари бузургвори Ислом, хазрати Мухаммад (с) накл шудааст, ки мо дар ин чо ба бархе (баъзе) аз он ривоятхо ишора мекунем:

- Абузарр (р) мегуяд: Расули Худо (с) фармуд: Иннахо муборакатун, иннахо таъому туъмин. Замзам оби муборак аст, ва гизое аст, ки гуруснаро сер мекунад" [6] .

- Дар ривояти дигар омадааст: "Замзам, гизое барои гурусна ва шифое барои беморӣ аст" [7] .

- Абдуллох ибни Аббос мегуяд: Расули Худо (с) фармуд: "Оби Замзам бехтарин оби рӯи замин аст" [8] .

- Абдуллох ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: "Оби Замзам барои он чизе аст, ки нӯшида шавад, пас агар барои талаби шифо онро бинӯшидӣ, Худованд ба ту шифо мебахшад ва агар барои сер шудан нӯшидӣ, Худованд туро сер мегардонад ва агар барои рафъи ташнагӣ нӯшидӣ, Худованд ташнагии туро бартараф месозад. Он гудоли (кандагӣ ва чукурии) Чибриил ва нӯшидании Худованд барои хазрати Исмоъил аст [9] .

Вижагихои (хусусиятхои) оби Замзам

1- Оби Замзам аз назари таркиб дорои таркиби хосе аст. Аз замони ба вучуд омаданаш то кунун дорои таркиботи маъдании яксон будааст. Бовучуди истифодаи мудоми (хамешагии) оби Замзам, то ба хол ин чох хушк нашудааст.

Мухандис Сомӣ Анковӣ, мудири (абхоси) тахкикоти Хач мегуяд: Мо дар хангоми тавсеаи чадиди Харам машгули хаффории чохи Замзам будем. Харчӣ он обро бо насос кашида б ерун
мекардем, боз чӯшиши об бештар мешуд. Ночор шудем се насоси бузург барои холӣ кардани об насб кардем (часпонидем), то ин ки битавонем асоси онро поярезӣ кунем, аз сарчашмахои аслии Замзам намуна бардоштем, то озмоишхои лозимро ба амал оварем, ки оё ховии (дарбаргирандаи) микроб аст, ё не? Бинобар ин ба ин натича расидем, ки холӣ аз микроб мебошад ва як адад микроб хам дар он наёфтем. Пок ва тамиз аст, вале гохе авкот хангоми истифода аз оби Замзам дар голун ё далв рехта мешавад, ё аз канали лулакашӣ убур мекунад, имкони олӯда шудан дорад. Аммо худи об дар зоти худашт хеч гуна олӯдагӣ ё микроб надорад ва ин вижагии оби Замзам аст
[10]
.

2- Оби Замзам бехтарин оби рӯи замин аст.

Ин бахше аз хадиси Паёмбар (с) аст, ки дар сахифахои гузашта зикр намудем.

3- Оби Замзам бавасилаи амини вахй хазрати Чибриил (а) барои нӯшидани Паёмбари гиромӣ хазрати Исмоъил (а) ошкор шудааст.

4- Оби Замзам дар мукаддастарин сарзамин ва дар канори хонаи Худо, дар харами Маккӣ, назди рукн ва маком чӯшидааст.

5- Оби Замзам, обе аст, ки калби мутаххари Мустафо (с)-ро бо он шустушӯ додаанд.

Анас ибни Молик (р) мегуяд: Расули Худо (с) (дар даврони кӯдакӣ) бо кӯдакон мешгули бозӣ буд. Чибриил (а) омад, ӯро гирифт ва хобонид, сипас синаашро шикофт... онгох онро бо оби Замзам, дар ташти тиллоӣ шустушӯ дод... [11] .

Хамчунин дар вокеаи Исро ва Меъроч, калби поки Расули Худо (с) бо оби Замзам шустушӯ дода шудааст. Дар хадис омадааст: "... Чибриил (а) омад, онгох синаамро шикофт, сипас бо оби Замзам шуст..." [12] .

6- Оби Замзам аз оятхои байинот (нишонахои возеху равшан) ва муъчизаи илохӣ дар харами Маккӣ мебошад, ки аз замони хазрати Исмоъил (а), то кунун ин чох чараён дошта, ва соле садхо нафар аз он бахрабардорӣ мекунанд.

7- Оби Замзам, обе аст, ки Расули Худо (с) оби дахони муборакашро дар он андохта ва ба баракати он афзӯда шудааст.

Абдуллох ибни Аббос (р) мегуяд: "Расули Худо (с) канори чохи Замзам ташриф оварданд, пас далви (сатили) оберо барои эшон кашидем, нӯшиданд, сипас дар он об дахон андохтанд, онгох мо он обро бар чохи Замзам рехтем..." [13] .

Дар ривояти дигар: "Онгох нӯшиданд ва мазмаза карданд, сипас оби дахони худро дар далв андохтанд, онгох дастур доданд онро даруни чох бирезанд" [14] .

Воил ибни Хучр мегуяд: "Далве аз оби Замзам, хидмати Расули Худо (с) оварда шуд. Пас мазмаза (обро дар дахон) карданд, онгох оби дахонро дар он андохт, (сипас дар чох рехт) [15] аз бӯи мушк хушбӯйтар буд, [16] (бӯи мушк аз он бархост)" [17] .

Ва дар ривояти дигар омад: "Пас нӯшиданд, сипас вузӯ гирифт ва мазмаза кард, онгох дар далв рехт..." [18] .

Пас баракат ва хосияти оби дахони мубораки Расули Худо (с) бар баракат ва хосияти Замзам афзӯдааст.

8- Оби Замзам гизое (таъоме) барои гурусна аст, Худованд ин вижагиро дар оби Замзам карор додааст, ки гуруснаро сер мегардонад ва чои гизоро мегирад. аз достони Хочар ва Исмоъил (а) чунин мефахмем, ки Худованд ин оби муборакро гизо ва оби онон карор додааст.

Хофиз ибни Хачар мегуяд: Дар хадис зикр шуда, ки Хочар бар хамон холи худаш буд, то ин ки корвоне аз кабилаи Чурхӯм аз ончо гузар карданд... аз ин дониста мешавад, ки Хочар бо оби Замзам худро тагзия менамуд ва ӯро аз гизо ва об бениёз мекард [19] .

Ва дар достони мусалмон шудани Абузарр омадааст, ки вай ба муддати якмох дар Макка миёни пардаи Каъба пинхон буд ва мехост, ки бо Паёмбари Худо мулокот кунад. Ва дар ин муддат факат аз оби Замзам менӯшид. Абузарр (р) мегуяд: Расули Худо (с) бо ёраш омад ва хачару-л-асвадро истилом кард, сипас хонаи Каъбаро тавоф намуд, онгох намоз хонд, хангоме, ки аз намозаш фориг шуд, арз кардам: Ассалому алайкум ё Расулаллох. Фармуд: "Ва ъалайка ва рахматуллох", сипас фармуд: "Чӣ касе хастӣ"? Арз кардам: Аз кабилаи Гиффор... сипас фармуд: "Аз чӣ муддат ту дар ин чо будӣ?", арз кардам: Аз 30 шабонарӯз, фармуд: "Чӣ касе ба ту гизо медод?". Арз кардам: Гизое чуз оби Замзам надоштам ва чунон чок ва фарбех шудаам, ки гушти шикамам аз фарбехӣ рӯи хам хамидааст. Ва хеч асаре аз гуруснагӣ дар баданам эхсос намекунам. Фармуд: "Оре, он оби мубораке аст ва он гизое барои гурусна аст" [20] .

Дар Зоду-л-маод омадааст: Ман касеро дидам, ки аёми зиёде такрибан як мох ва ним ё бештар факат бо оби Замзам тагзия менамуд. Ва аслан эхсоси гуруснагӣ намекард ва хамрох бо соири (дигар) мардум тавоф мекард ва ба ман гуфт: Гохе авкот то чихил рӯз ба хамин бокӣ мемонам [21] .

9- Оби Замзам шифои хар дарде аст

Худованди бузург дар ин оби муборак хосияти шифобахшро карор додааст. Пас касе, ки ба нияти шифо ин обро бинӯшад, Худованди таборака ва таъоло ӯро аз хар беморӣ шифо мебахшад. Дар хадис гузашт, ки: "Замзам бехтарин оби рӯи замин аст, гизое барои

гурусна ва шифои беморӣ аст".

Абу (р) ривоят мекунад, ки Расулуллох (с) фармуд: "Замзам гизое барои гурусна ва шифои беморӣ аст" [22] .

Ва дар дунболаи хадиси Абузарр, ки имом Муслим ривоят кардааст: "Иннахо муборакатун, иннахо таъому туъмин". Хофиз ибни Хачар мегуяд: Таёлисӣ афзӯдааст: "Ва шифоу сукмин", (Ва шифои хар бемор аст) [23] .

Лафзи хадис: "шифоу сукмин" шифои беморе аст, хар бемореро шомил мешавад.

Ва хамчунин хадисе, ки Ибни Аббос аз Расули Худо (с) ривоят намуда: "Замзам барои он чизе аст, ки нӯшида шавад, агар барои талаби шифо нӯшидӣ, Худованд туро шифо мебахшад..." [24] .

Хазрати Расули Худо (с) оби Замзамро ба беморон медод ва бар онон мепошид [25] . Сахобии бузургвор Абдуллох ибни Аббос (р): Оби Замзамро барои шифо аз хар дарде менӯшид ва чунин дуо менамуд: "Аллохумма инни асъалука ъилман нофиъан ва ризкан восиъан ва шифоан мин кулли доин"
[26]
.

Имом ибни Каим мегуяд: "Ман истишфо (талаби шифо кардан) бо оби Замзамро озмӯдаам ва барои беморихои мухталифе нӯшидаам, бо фармони Худо шифо ёфтам" [27] .

Одоби нӯшидани оби Замзам.

Оби Замзам бехтарин оби рӯи замин аст ва нӯшидани он одобе дорад:

- Мустахаб аст, ки дар огоз "Бисмиллох" бигуяд.

- Бо дасти рост бинӯшад.

- Истода ва рӯ ба кибла бинӯшад [28] .

- Хангоми нӯшидан ният дошта бошад.

- Бо се нафас (кашидан) бинӯшад.

- Баъд аз нӯшидан "Алхамду лиллох" бигуяд.

- "Тазаллуъ" (Бисёр нӯшидан), яъне: Онкадар бинӯшад ва сероб шавад, то онки об ба азлоъ (кабулгахо) бирасад.

Фоидахои нӯшидани оби Замзам

Оби Замзам дорои фавоиди бисёре аст ва аз ончо, ки бехтарин оби рӯи замин аст, бояд онкадар нӯшид, ки сероб шуд. Аз фавоиди оби Замзам ин аст, ки хастагиро аз байн мебарад, мушохида мекунем, ки хуччоч баъди тавоф ва хастагӣ хангоме, ки оби

Замзамро менӯшанд, эхсоси хастагӣ аз онон дур мешавад ва фаъолтар мешаванд.

Хамчунин аз дигар фавоидаш ин аст, ки сабаби таквияти бадан, бахусус зонӯ ва мафосил мегардад. Хазрати Абдуллох ибни Аббос (р) мегуяд: "Хеч касе наметвонист дар давидан аз ахли Макка сабкат бичӯяд ва хар кас бо онон куштӣ (гуштӣ) мегирифт, ӯро ба замин меандохт. Ахли Макка хеч гох дучори зонӯдард намешуданд. То ин ки аз оби Замзам рӯй гардон шуданд, онгох беморӣ ба похояшон сироят кард ва нотавон шуданд" [29]
.

Ва хамонгуна, ки дар хадис омадааст: "Оби Замзамро барои ончӣ ки нӯшида шавад, мебошад", дар зиндагиномаи бисёре аз уламои машхур навишта шуда, ки онон оби Замзамро барои илми фаровон ва хофизаи кавӣ нӯшидаанд ва ба муродашон расидаанд. Пас барои хар максаде ва муроде, ки оби Замзам нӯшида шавад ба изни Илохӣ он мурод ва максуд бароварда мешавад, валекин ба ният ва ихлоси шахс бастагӣ (вобастагӣ) дорад.

Оби Замзам бехатарин тухфае аст, ки аз Макка оварда мешавад ва бехтарин хадияе, ки ба мехмон дода мешавад.

Аз асрори оби Замзам

Аз асрор ва муъчизаи Илохӣ дар оби Замзам ин аст, ки дорои нерӯ (кувва) ва маъодини (маъданхои) бисёре аст ва дарсади (фоизи) болое аз хлориди судиюм дорад, ки ба 18% мерасад. Ва ин сабаб мешавад, ки хангоми нӯшидан каме эхсоси намакин будан дошта бошад, вале бо ин вучуд шахсе, ки менӯшад, дар он хангом хеч гуна шур ва намакин буданро эхсос намекунад.

Замзам чунон таркиби хосе дорад, ки бо мурури замон харгиз масза ва ранг ва бӯяш тагйир намекунад ва хеч гуна микроб ва бактерия ба он рох надорад.

Шигифтихои (ачоиботи) оби Замзам

Харчанд, ки бархе кӯшиш намудаанд, ки обхои маъданӣ шабехи (монанди) таркиботи оби Замзам бисозанд, вале тамоми талошхо ва саъйи онон бехӯда будааст, зеро ки оби Замзам вижагии (хусусияти) хосе дорад, ки Худованд дар он карор додааст.

Илм ба исбот расонида, ки оби Замзам бо тамоми обхои чахон фарк дорад, бо вучуди дониста шудани бархе аз мукаввинот (унсурхои созанда) Худованд вижагии хосе дар он карор дода ва сирре дар он нухӯфтааст, ки ба он пай набурдаанд. Доктор Мухаммад Иззат Махдӣ устоди илми заминшиносӣ дар институти тахкикоти зистшиносии донишгохи Айну-ш-шамси Кохира, тайи тахкикоте, ки дар солхои ахир анчом додааст, ба ин натича расида, ки оби Замзам вижагихое мунхасир ба фард дорад, ки онро аз соири (дигар) обхои чахон мумайяз (фарккунанда) мегардонад.

Бархе аз вижагихое, ки ба он ишора намуда иборат аст аз инки:

Оби Замзам харгиз бадбӯ ва гандида намешавад, мазза, ранг ва бӯи он харгиз тагйир намекунад ва шабехи асал мебошад, ки авомили об ва хаво бар он таъсир намегузорад. Баръакс тамоми обхои дигар, монанди оби нахр, дарё, борон ва обхои зеризаминӣ ва сабаби он низ ба таркибот ва унсурхои шимиёии (химиявии) он бармегардад, ки монеъи рушд ва фаъолияти микроб ва бактерия ва корчхо мешавад.

Афзун бар он (илова бар ин) оби Замзам бехтарин ва азимтарин оби маъданӣ аст, ки дар сатхи чахон барои илоч ва шифо аз он истифода мешавад.

Аз асрор ва шигифтихои (ачоиботи) дигари Замзам ин аст, ки бо вучуди инки дорои амлохи (намакхои) зиёде аст, таъми он ширин аст ва хангоми нӯшидан шур буданаш эхсос намешавад, агар ин нисбат амлохе, ки дар оби Замзам вучуд дорад дар оби дигаре

вучуд медошт, харгиз кобили шурб набуд [30] .

Оби Замзам дар озмоишгоххои (лабаратория́хои) чахонӣ

Оби Замзам муъчизаи Илохӣ аст, ки солона беш аз садхо хазор нафар аз он менӯшанд, дар соли 1971-и мелодӣ дар замони хукумати малик Файсал Подшохи Арабистон, як пизишки (духтури) мисрӣ чунин иддао намуд, ки оби Замзам барои ошомидан муносиб нест, зеро ки Каъба дар гудӣ ва поинтар аз сатхи дарё (бахр) ва дар маркази Макка вокеъ шудааст. Бинобар ин фозилобхои Макка хама ба сӯи чохи Замзам сарозер мешавад ва онро олӯда месозад.

Пас хангоме, ки шох Файсал аз ин мавзуъ огох шуд, било фосила дастур дод, то вазорати кишоварзӣ ва манобеъи обӣ намунае аз оби Замзамро чихати озмоиш ва сиххати (дурустии) кобили шурб (нӯшидан) буданашро ба озмоишгоххои Аврупо ирсол намоянд. Ин вазоратхона тасфияхонахо ва нерӯгоххои мавчуд дар Чаддаро вазифадор намуда, то ин корро ба анчом бирасонанд. Ва мухандис Муъинуддин Ахмад, ки ба унвони мухандиси шимӣ (инжинери химиявӣ) корманди вазорати Кишоварзӣ буд, муваззаф гардид, ки ин амрро ба анчом бирасонад.

Мухандис Муъинуддин мегуяд:

Ба хотир дорам, ки он замон хеч тасаввуре рочеъ ба ин ки оби чох мумкин аст ба чӣ сурат бошад-ро надоштам... хангоме, ки ба чох расидем, бароям мушкил буд бовар кунам, ки ин чох, ки ба андозаи як хавз буд, ва абъоди (буъдхо) дар худуди 18 дар 14 фут (ченаки масохат) дошт ва харсола хочиён ба андозаи миллионхо голун об аз он бардошт мекунанд, хамон чохе аст, ки карнхо пеш дар замони хазрати Иброхим (а) бавучуд омадааст. Тахкикотамро бо андоза гирифтани абъоди чох шуруъ кардам. Сипас аз дастёрам хостам, то умки (чукурии) чохро ба ман нишон дихад. Вай ибтидо гусли вучуд ва татхир (тахорат ва гусл) намуд, сипас ба дохили чох рафт ва истод. Сатхи оби чох дуруст то болои шонахояш буд. Сипас барои ёфтани хар гуна мачро ва лулае, ки обро ба дохили чох биёрад, аз як тараф ба тарафи дигари чох рафт, вале муваффак ба ёфтани хеч мачрое нашуд. Фикри дигаре ба зехнам расид, ва он инки мо метавонистем ба

василаи насоси бузурге, ки дар чох насб шуда буд, ва барои захира кардани оби Замзам дар махзан мебуд, обро ба суръат канор бирезем (обро аз он бикашем), бадин сурат умки оби мавчуд дар чох кам мешавад ва метавонистем мачрои духули обро мушохида кунем. Вале тааччубовар буд, ки дар замони бо насос кашидани об, чизе мушохида накардем, аммо ман ба масъалае вокиф будам, ки ин равиши рохи халли ёфтани вуруди об ба чох аст. Лизо тасмим гирифтем дубора ин мархиларо такрор намоем, вале ин бор ба дастёрам гуфтам, ки дар як чо биистад ва бо диккат хар иттифоке гайримаъмулро дар назар бигирад. Ӯ пас аз муддате дастонашро баланд кард ва фарёд зад: Алхамду лиллох, ёфтам. Сипас гуфт: Дар бистари чох харакати шинхо дар зери поям, маконеро, ки об аз он таровиш мекунад, эхсос мекунам. Онгох ӯ дар атрофи чох кадам зад ва хамон падидаро чой-чойи чох эхсос намуд. Дар вокеъ таровиши об ба чох ба таври якнавохт дар хар нукта аз бистари он вучуд дошт ва боъис мешуд, то сатхи об собит бинамояд.

Мухандис Муъинуддин меафзояд:

Пас аз такмили мушохадотам намунахое аз оби чохро чихати анчоми озмоишот дар озмоишгоххои Аврупоӣ бардоштем ва кабл аз тарки Макка, пурсишхоеро дар мавриди дигар чоххои мавчуд дар атрофи Макка аз макомоти масъул намудем. Онхо изхор доштанд, ки тамоми он чоххо такрибан хушк хастанд. Пас аз мурочиат ба дафтарам дар Чидда ёфтахои хешро барои мудирам бозгӯ намудам ва ӯ низ бо алока ба онхо гуш медод.

Натоичи озмоишот баамаломада бар рӯи намунахои оби Замзам дар инчо ва Аврупо такрибан яксон буд. Ва танхо ихтилофи мушохида шуда байни оби Замзам ва дигар обхо дар микдори калсиюм ва магний он аст, ки ин микдор дар оби Замзам каме бештар буда ва шояд бадин иллат бошад, ки ин об боъиси рафъи хастагии хочиён мегардад. Аммо нуктае, ки бештар хоизи ахамият мебошад ин аст, ки ин об мухтавои флорид ва дорои хосияти микробкуши кавӣ мебошад. Илова бар ин натоичи озмоишот баамаломада дар Аврупо нишон медихад, ки ин об барои ошомидани бисёр муфид аст. Аз ин рӯ изхори доктори мисрӣ комилан рад шуд.

Хангоме, ки натоичи озмоишот ба шох Файсал гузориш шуд, вай бисёр хурсанд гардид ва дастур дод, ин матлаб дар матбуоти Аврупо мунъакис гардад.

Дархол ин масъала мавхибате шуд, то аз тарики ин тахкикот ба таркиботи шимиёии оби Замзам пай бибарем ва дар хакикати харчӣ бештар рочеъ ба оби Замзам тахкик намоед

шигифтихои бештареро дар он мушохида хохед кард. То ончо, ки худ ба иъчози он пай хохед бурд. Обе, ки Худованд ба унвони хадия ба муъминоне, ки аз дурдаст барои зиёрат ба ин биёбон мушарраф мешаванд, арзонӣ доштааст.

Дар инчо бархе аз вижагихои оби Замзамро ба ичмол (мухтасар) баён мекунам:

- бо вучуди истифодаи мудовим аз оби Замзам, то ба хол ин чох хушк нашудааст.

- оби ин чох аз замони бавучуд омадан, то ба хол дорои таркиботи маъдании яксон будааст.

- ба гуфтаи зоироне, ки барои маносики хач ва умра ба хонаи Худо мушарраф шудаанд ва аз ин об нӯшидаанд, изъон доштаанд, ки ошомидани ин об боъиси шодмонӣ ва рафъи хастагӣ дар онон гардидааст.

- ин об дар нукоти мухталифи дунё озмоиш шуда ва дорои такозои болое дар сатхи чахон мебошад.

- хеч гуна таркиботи шимиёӣ (химиявӣ) ва ё кулур (хлори) чихати зидди уфунӣ (бадбӯӣ) ба ин об изофа нашудааст.

Бар хилофи чоххои дигар хечгуна рушд ва зиндагии гиёхе ва чонваре дар ин чох вучуд надорад, бовучуди он, ки ин мазуъ худ боъиси таъми бад ва бӯи номатбуъи об мегардад, аммо оби Замзам бадингуна намебошад [31] .

Илоч бо оби Замзам

Оби Замзам бехтарин оби рӯи замин аст ва Расули Худо (с) онро шифои беморӣ номидаанд ва Расули Акрам (с) оби Замзамро бар рӯи беморӣ мерехт ва ба онон менӯшонид.

Ибни Кайим (р) дар Тибби набавӣ мегуяд:

Ман истишфо бо оби Замзамро озмӯдам, ва барои бемоихои мухталифе нӯшидаам ва бо фармони Худо шифо ёфтаам [32] . Дар Макка дар аёме бармегузашт, ки дар ончо бемор гаштам ва хеч гуна даво ва тибберо наёфтам, пас бо сураи Фотиха ва оби Замзам худро мудово (илочу даво) намудам, бадин сурат, ки оби Замзамро бармедоштам ва чандин бор сураи Фотихаро бар он мехондам, сипас менӯшидам, бинобар ин бо он бехбудӣ ва шифои комил ёфтам, баъд аз он барои хеле аз беморихо бар он эътимод мекардам ва бехтарин фоида аз онро медидам [33] .

Саргузашти хонум Лайло Хулв Магрибӣ, ки ба бемории саратон мубтало буд, ва пизишкон аз муоличааш нотавон шуда буданд, машхур ва маъруф аст, ки ба василаи оби Замзам комилан шифо ёфт. Хикоят комили он дар китобхо ва рӯзномахо навишта шуда ва хамчунин дар сайтхо зикр шудааст. Ва навори косет бо садои худаш низ вучуд дорад.

Хамчунин даххо афроди дигар, ки аз бемории заъфи биной ё дарди гурда ва гайра ранч мебаранд, бо оби мубораки Замзам шифоёб шудаанд.

Аз он чое, ки Расули Худо оби Замзамро шифои дард ва беморӣ номидаанд, ба аглаби бемороне, ки ба банда мурочиа мекарданд, нӯшиданди оби Замзамро тавсия менамудам ва аксаран низ натичаи матлубе медоданд. Бахусус беморие буд, ки аз санги гурда ранч мебурд ва пизишкон барояш амали чарохӣ тавсия карда буданд. Алхамду лиллох, бо оби Замзам ва дорухои тибби набавӣ, Худованд ба вай шифо бахшид.

Ва хамчунин зан ва марде, ки аз акм ва нозой шикоят доштанд, ба фазли Худовандӣ бо оби Замзам ва касрати истигфор ва тачвизи чанд доруе аз тибби набавӣ, дорои неъмати фарзанд гардиданд.

Д. Хусайн Т. Г.

---

[1] Ибни Касир. Бидоят ва нихоят, 1/221-224. Торихи табарӣ, 1/152-155. Фокихӣ, Ахбори Макка, 2/6.

[2] Фокихӣ. Ахбори Макка, 1/13. Азракӣ. Ахбори Макка, 2/44. Ибни Касир. Ал-Бидоят ва а-н-нихоят, 2/321.

[3] Фокихӣ. Ахбори Макка, 1/61. Азракӣ. Ахбори Макка, 2/74. Соиди Бекдош. Фазлу моу Замзам. сах.36.

[4] Яхё Кушак. Замзам, сах.61. Соиди Бекдош. Фазлу моу Замзам. сах.37.

[5] Р. К. Фазлу мои Замзам, сах. 41. Субул ал-худо, 1/185. Фокихӣ. Ахбори Макка, 2/68.

[6] Муслим. Сахехи Муслим, 2473, чузъи хадис аст

[7] Табаронӣ. Муъчамуссагир, 11167. Ва Авсат 3912.

[8] Табаронӣ. Муъчамуссагир, 295. Байхакӣ. Сунан ал-Кубро, 5/147.

[9] Хоким. Дар Мустадрак, 1/643. Дору Кутнӣ. Сунан, 2/289.

[10] Моу Замзам муъчизот ва асрор, сах.55.

[11] Муслим. Сахехи Муслим, 261.

[12] Бухорӣ. Сахехи Бухорӣ, 349. Фатху-л-борӣ, 1/460 ва 13/481.

[13] Имом Ахмад, 1/372. Иснодаш сахех мебошад.

[14] Азракӣ. Ахбори Макка, 2/53. Ба сурати мурсал омадааст. Табаронӣ. Муъчами кабир, 10972. Насбу-р-роя, 3/99.

[15] Ахмад. Муснад, 4/315. Табаронӣ. Муъчами Кабир, 22/51.

[16] Ахмад. Муснад, 4/318. Ибни Моча, 659. Хасан мебошад.

[17] Ахмад. Муснад, 4/318. Ибни Моча, 659. Хасан мебошад.

[18] Хумайдӣ. Муснад, 886.

[19] Фатху-л-борӣ, 6/403.

[20] Муслим. Сахехи Муслим, 2473.

[21] Зодулмаод, 4/356.

[22] Мунзирӣ. Таргиб ва тархиб, 2/209, ба ривояти Баззор.

[23] Фатху-л-борӣ, 3/493.

[24] Хоким. Мустадрак, 1/646. Дору Кутнӣ. Сунан, 2/289.

[25] Фокихӣ. Ахбори Макка, 2/49. Байхакӣ. Сунуни Кубро, 5/202.

[26] Хоким. Мустадрак, 1/473.

[27] Зодулмаод, 4/320.

[28] Фукахо дар бораи нӯшидани Замзам ба холати нишаста ва ё истода ихтилофи назар доранд, ва рочех ин аст, ки нишаста ва истода харду чоиз аст.

[29] Фокехӣ. Ахбори Макка, 2/46.

[30] Моу Замзам асрор ва муъчизот, сах.24.

[31] Моу Замзам муъчизот ва асрор, сах.26.

[32] Тибби набавӣ, сах. 393.

[33] Тибби набавӣ, сах. 178.